**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11.06.2025, таҳти №15**

Барои сазовор донистани Баҳорзода Сироҷиддин Ашур, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсия дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихиро 12-уми марти соли 2025, суратмаҷлиси №6, шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Баҳорзода Сироҷиддин Ашур, соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2017 аз рӯйи ихтисоси муаррих. Муаллим бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2018 ба зинаи аспирантураи донишгоҳи мазкур дохил шуда, онро соли 2021 аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ хатм намудааст.

Унвонҷӯ Баҳорзода Сироҷиддин Ашур аз соли 2021 то ин ҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият дорад.

Мавзуи рисолаи номзадии Баҳорзода Сироҷиддин Ашур «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» бо қарори шурои олимони факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 27-уми марти соли 2018, таҳти №8 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Ёрмуҳамматов Амиршо – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло** – доктори илмҳои таърих, профессор, муовини раиси вилояти Суғд;

**Гадоев Ғозӣ** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Суфиев С.Н., ташхисгар – доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев М.Х. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои таърих, дотсент Сафаров Х.Х (суратмаҷлиси №9, аз 25.04.2025) имзо ва аз ҷониби муовини ректори Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ оид ба илм ва инноватсия н.и.п., и.в. дотсент Рафиев С.А. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддин Ашур бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Баҳорзода Сироҷиддин Ашур сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

[1-М]. Баҳорзода, С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар шинохти таърихи тоҷикон [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2018. – №7. – С. 47-51.

[2-М]. Баҳорзода, С. Инъикоси маданияти Мовароуннаҳру Хуросон (асри XII) дар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2018. – №8. – С. 76- 79.

[3-М]. Баҳорзода, С. Садриддин Айнӣ ва фармони 7-апрели соли 1917 амир Олимхон оид ба ислоҳот [Матн] / С. Баҳорзода, А. Ёрмуҳамматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2019. – №6. – С. 28-32.

[4-М]. Баҳорзода, С. Таҳқиқи масоили маорифпарварӣ дар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2019. №7– С. 76-81.

[5-М]. Баҳорзода, С. «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз нигоҳи С.Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2020. – №10. – С. 111-115.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Баҳорзода, С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши маданияти маънавии Мовароуннаҳру Хуросон дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо [Матн] / С. Баҳорзода /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140– солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) / С. Баҳорзода. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 212-217.

[7-М]. Баҳорзода, С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар шинохти таърихи тоҷикон [Матн] / С. Баҳорзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солгаии Миробид Сайидои Насафӣ». Ҷилди 2. – Душанбе, 2019. – С. 44.

[8-М]. Баҳорзода, С. Садриддин Айнӣ – ҳимоятгари манфиатҳои миллию сиёсии тоҷикон дар солҳои 20-уми асри XX [Матн] / С. Баҳорзода // Маводи конференсияи ҷумуҳуриявии илмию назаривӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар масири таърих (бахшида ба 95-солагии эъломияи таъсисёбии ҶМИШ Тоҷикистон)». – Душанбе, 2020. – С. 261-268.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Абдурашитов Ф.М. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.
2. Номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари илмии Маркази омӯзиши «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон»-и Академиям идоракунии

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддинов Ҳ. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидова Қ.Ҳ. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

- **ошкор менамояд**, Садриддин Айнӣ дар радифи асарҳои адабӣ ва публитсистӣ дар заминаи таърихи халқи тоҷик низ чанд асари барҷастае чун «Таърихи амирони манғития», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» навишт, ки дар таърихнигории тоҷик мақоми махсус доранд. Баррасии ин осор аз нигоҳи таърихнигорӣ имкон медиҳад, ки баъзе лағзишу камбудиҳоро дар шинохти воқеияти замон бартараф созем.

- **пешниҳод шудааст, ки** муҳаққиқону муаррихонро мебояд дар замони истиқлол барои навиштани таърихи халқи тоҷик ва ҳифзи манфиатҳои давлату миллат бештар аз таҷрибаи чеҳраҳои мондагоре чун С. Айнӣ истифода барем, зеро асоси мазмуну муҳтавои осори онҳоро ғояҳои меҳанпарастӣ, адл, инсондӯстӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

- **исбот шудааст,** ки Садриддин Айнӣ дар саргаҳи муҳимтарин ҳодисаи таърихи мардуми тоҷик – таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сиёсиву маъмурӣ барои амалӣ шудани орзуву омоли ҳазорсолаи тоҷикон хидматҳои шоиста анҷом додааст. Омӯзиши ин корномаи ӯ барои тарбияи насли наврас аҳаммияти муҳимми таърихӣ ва сиёсиву тарбиявӣ дорад.

**ҷорӣ намудани** мавзуи омӯзиши осори таърихии Садриддин Айнӣ дар рафти дарсҳои таърихи халқи тоҷик. Ин имкон медиҳад, ки симои аслии аксар қаҳрамонони роҳи озодӣ ва муҳофизи Ватан дар қиёс бо сарчашмаҳои таърихӣ

ва осори С. Айнӣ равшану возеҳ гардад. Дар ин замина таҷрибаи муборизаи озодихоҳии ниёгони тоҷик ба муқобили зулму истибдоди аҷнабиён метавонад ҷавононро ба хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ ҳидоят намояд ва зиракии сиёсии онҳоро дар роҳи ҳифзи манофеи миллату давлат таҳким бахшад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳалаҳои ҷудогонаи таърихи халқи тоҷик, махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд. Ҳамчунин, маводи диссертатсияи мазкурро метавон барои таълими дарсҳои курси махсуси омӯзишӣ дар ихтисосҳои марбут ба фанҳои ҷомеъашиносии донишкадаву донишгоҳҳои олӣ ва равшану возеҳ сохтани баъзе масъалаҳои баҳсталаби таърихи хақлқи тоҷик ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масълаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҷанбаҳои гуногуни ҳаводиси нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX таърихи халқи тоҷик дар осори Садриддин Айнӣ таҳқиқу баррасӣ гардида, ҷойгоҳи ӯ дар таърихнигории ватанӣ баён гардидааст.

- **баён шудани** вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангии охири асри XIX халқи тоҷик, инчунин паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа ва омӯзиши ҳаракати ҷадидия дар осори С. Айнӣ муҳим мебошад.

- **ошкор гардидани** ҳаводиси иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби устод С. Айнӣ яке аз аввалин ташаббусҳои ҷиддӣ дар роҳи омӯзонидани таърихи асили ниёгон ба насли наврасу ҷавон мебошад. Имрӯз осори таърихии ӯро мо метавонем ҳамчун таҷрибаи таърихӣ истифода барем ва аз зуҳури буҳрони маънавӣ дар ҷомеа пешгирӣ намоем. Дар натиҷаи омӯзиши осори ӯ мо ба хулосае омадем, ки сарчашмаи асосии ҳама нокомӣ буҳрони фарҳангӣ, махсусан аз илму хирад дур мондани ҷомеа аст.

- **омӯхта шудани** ҳаводиси нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX халқи тоҷик дар осори Садриддин Айнӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

- **аз нав такмил додани** барномаҳои таълимии фанни таърихи халқи тоҷик, такмили китобҳои дарсӣ ва аз ҳама муҳим, тадриси курси махсусе бо

номи «С. Айнӣ ва эҳёи таърихи халқи тоҷик» дар факултетҳои таърихи макотиби олӣ рисолаи мазкур мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили барномаву дастурҳои таълимӣ, дарсҳои курси махсуси омӯзишӣ дар ихтисосҳои марбут ба фанҳои ҷомеашиносии донишкадаву донишгоҳҳои олӣ ва равшану возеҳ сохтани баъзе масъалаҳои баҳсталаби таърихи хақлқи тоҷик ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд.

- **муайян карда шуданд**, ки таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои он метавонанд дар раванди омӯзиши таърихи халқи тоҷик, таърихнигории таърихи халқи тоҷик ва манбаъшиносӣ мавриди *истифода қарор гиранд*.

- **офарида шуд**: бори нахуст дар доираи як рисолаи ҷомеъ саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши марҳалаи муҳимми таърихи халқи тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт.

- **муаррифӣ карда шуд:** саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши баъзе масоили норавшани таърихи халқи тоҷик (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) дар заминаи асар ва мақолаҳои илмӣ-адабии ӯ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

- **ғоя** дар пояи осори илмию адабии устод Садриддин Айнӣ, ки инъикосгари саҳифаҳои муҳимми таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад, **асоснок шудааст**.

- **истифода шудаанд:** осору нутқҳо, баромадҳо, паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, осори устод Садриддин Айнӣ, асару мақолаҳои дигар муҳаққиқони замони шуравӣ З.Ш. Раҷабов, М.И. Боқиев, Н.Р. Ҳошим, М. Шакурӣ, А.А. Семёнов, И.С. Брагинский, муҳаққиқони замони истиқлол Ҳотамов, М.С. Имомзода, Х. Асозода, А. Маҳмадаминов, Х. Айнӣ, Р.Т. Муҳиддинов, С. Табаров, С. Азимов, А. Кучаров, Ш. Раҳмонов, Н. Ғаффоров, А. Ёрмуҳамматов, Қ. Расулиён, Х. Ниязова, Ҳ.П. Пирумшоев, А. Розиқзода, А. Набавӣ ва дигарон дар таълифи рисола мусоидат намуданд.

- **муайян шудаанд**, ки Садриддин Айнӣ ҳамчун парваришёфтаи замони истилои мулкҳои Осиёи Миёна аз ҷониби Русия ба паёмади мусбӣ ва манфии

он падида таваҷҷуҳ намуда, онро бар асоси сарчашмаҳои дастрас ва дидаҳову шунидаҳояш ба қалам додааст. Устод Садриддин Айнӣ ба унвони як муаррихи забардасту озодандеш кӯшиш кард, ки ҳаводиси рӯзгори хешро мунсифона тасвир созад ва ҳамеша худро дар назди таърих ва хонанда масъул медонист.

- **истифода шудаанд:** усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо ташкил медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 11 июни соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Баҳорзода Сироҷиддин Ашурро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ 5 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**11.06.2025**